**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.**

Ба ҳамагон маълум аст, соҳаи боғпарварӣ имрӯз дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мақоми хосае пайдо кардааст. Ин соҳаи кишоварзӣ дар яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ таъмини ҳалли масъалаи амнияти озуқаворӣ ва муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ саҳми босазое дорад. Шароити иқлиму хоки ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон барои парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланду хушсифати навъҳои олу хело мувофиқ мебошад. Зеро унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. корҳои илмии худро оид ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон равона намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Кори диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

Навгонии мавзӯи тадқиқотӣ аз он иборат мебошад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии 8 навъҳои нави интродуксионии олуро дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян кардааст. Ҳамзамон устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбӯруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самаранокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олуро дар шароити минтақа амалӣ намудааст.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмии муаллиф дар он аст, ки дар асоси натиҷаҳои таҷрибаҳои илмии гузаронидашуда ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати олу мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави интродуксионии олу вобаста аз сифати молӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокии навъҳо муайян карда шудааст.

Фозилов Ҷ.Д. дар раванди тадқиқот 8-навъи нави интродуксионии олуро зери омӯзиш қарор дода, онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои биологию экологиашон аз ҳамдигар ҷудо намудааст. Муаллиф бо пешниҳоди нишондиҳандаҳои агроиқлимӣ нишон додааст, ки навъҳои дурнамои олуи «Стенлей», «Кабардинская ранняя» ва «Блю фри» дар заминҳои ноҳияи Данғара устуворияти баланд дошта, барои дар оянда бунёд

намудани боғҳои истеҳсолӣ ва устувор будан ба омилҳои экологиро тавсия намудааст.

Муаллиф навъҳои ба истеҳсолот пешниҳод намудаашро вобаста ба хусусиятҳои намнокӣ, ҳарорати миёна ва максималии ҳаво муайян намуда, пешниҳод кардааст, ки бо бунёд намудани боғҳои олу метавон бо тоза намудани муҳити экологӣ ва нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ, ландшафтҳои хоси типпи дарахтони олу, бахусус агросенозҳои табиии дарахтони мевадиҳандаро дар ноҳия ба вуҷуд овард.

Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои нави олуро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд. Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии тадқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси
03.01.05-физиологияи растаниҳо ва биохимия,
мудири кафедраи экологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М.Қ. Бутаев

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 16, ҳуҷраи 302,
тел: (+992) 93-801-00-30, E-mail: butaev-dmt@mail.ru

Имзои М.Қ. Бутаев - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17, тел:. (+992-37) 227-15-10,
E-mail: info@tnu.tj

2-юми декабри соли 2025